**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара роҷеъ ба диссертатсияи Саидзода Баргигул Мирзо дар мавзуи «Истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Саидзода Баргигул Мирзо ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ дар қолаби диссертатсияи илмӣ бори аввал таҳқиқ шудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи афзалиятҳои луғавию сохтории истилоҳоти тиббӣ ва дар пояи онҳо муайян намудани қудрати луғавию калимасозии асари мавриди таҳқиқ кушиши арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия аз интихоби мавзуъ ва гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ бармеояд. Дар диссертатсия вижагиҳои луғавию сохтории истилоҳоти тиббӣ ба таври монографӣ пажуҳиш шуда, дар ҳамин замина саҳми Ҳаким Майсарӣ дар ғановатманд гардидани низоми истилоҳсозӣ ва луғавии забони тоҷикӣ муайян мегардад. Таҳқиқоти мазкур барои пурра ва ҳамаҷониба омухтани афзалиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тибиии забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Дарки амиқи масъалаи интихоб ва ҳамгунсозии истилоҳоти тиббӣ дар асари болозикр муаллифро водор кардааст, ки масъалаҳои мавриди пажуҳишро дар ҳамбастагӣ бо назарияҳои нави илми луғатшиносӣ, маъношиносӣ, калимасозӣ ва истилоҳшиносӣ баррасӣ карда, вижагиҳои луғавию сохтории истилоҳоти тиббиро муқаррар намояд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои мубрами луғатшиносӣ, истилоҳшиносӣ, этимология, маъношиносӣ ва калимасозии забоншиносии тоҷик мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ дар шинохти вижагиҳои забонии осори Ҳаким Майсарӣ ва муқаррар намудани ҳунари нигорандагии ӯ маводи муфид хоҳанд дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми

июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 3 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Саидзода Баргигул Мирзо истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки ин ҳолат аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Саидзода Баргигул Мирзо дар мавзуи «Истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саидзода Баргигул Мирзо дар мавзуи «Истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.KOA-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул

карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Тӯраҳасанов Қодиркул Шодиқулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Одинаев Саидаҳмад Полвонович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Кабиров Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Абдуев Э.С.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмоналиев Ҷ.Х.

«28» феврали соли 2026.